**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.с.2013 №31 тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамали

## Шакли №1 – СМШ.

## Фасли I. Ба истифода додани биноҳои истиқоматӣ ва арзиши сохтмони онҳо.

Ҳисобот аз реи шаклҳои № 1- СМШ (солона)-ро макомоти иҷроияи шаҳрҳо, шаҳракҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо (дар шаҳру деҳот) тартиб ва пешниҳод менамоянд. Барои тартиб додани ҳисобот маълумотҳои «Шиносномаи техникии манзилҳои шахсии фонди манзил» асос шуда метавонад.

Дар ҳисобот дохил карда мешаванд: хонаҳои истиқоматие, ки аҳоли аз ҳисоби худ ва бо ёрии қарзи банкҳо дар шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳот сохтаанд,хонаҳое, ки корхонаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ ва колхозҳо (аз ҷумла иҷоравӣ) барои фуреш ё додан ба моликияти аҳоли сохтаанд, (аз он ҷумла хонаҳое, ки барои муҳоҷирон сохта шудаанд), хоҷагиҳои фермерӣ (деҳконӣ)
Инчунин манзилҳои иловаи шифату болои хонаҳои сохта шуда, ки ҳамчун моликияти шахсии шаҳрвандон қарор доранд.

Аз реи хонаҳои истиқомат (дар шафат ва болои биноҳои сохташуда), ки хоҷагиҳои фермерӣ (деҳконӣ) ба истифода додаанду ба масоҳати умумии манзилҳои истиқоматии ба истифода додани бинокорони шахси дохил мешаванд, дар як сол як маротиба мустақиман аз реи шакли № 1-СМШ бо чунин навиштачот дар гешаи болои тарафи рости шакл ҳисобот тартиб ва пешниҳод мекунанд.”Хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ба истифода додаанд».Зимни ин ба назар гирифтан лозим аст: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) иттиҳоди оилавии меҳнатии ашхосе мебошад, ки истеҳсолоти кишоварзиро пеш якҷоя мебаранд ва истеҳсолкунандаи мустақили мол мебошад, ки дар Кумитаи иҷроияи Шурои маҳаллии депутатҳои халқи ба қайд гирифта шудааст.

Агар сохтмони хонаҳои алоҳидаи истиқомат (дар шафат ё болои бинои сохташуда) дар солҳои пеш аз ҳисобот анҷом ёфта, ҳамчун сохтмони манзилҳои истиқоматии шахсӣ ҳисоб нашуда ва дар Бюрои ба қайдгирии техникӣ дар Шероҳои шаҳракҳо ҳамон солҳо ба қайд гирифта нашуда бошанд, дар он сурат маълумотҳои чунин биноҳо ҳамон сол сабт карда мешаванд, ки дар ҳисоботи шакли №1-СМШ қайд нашудани онҳо ошкор гардид. Ин биноҳо ба масоҳати умумии биноҳои ба истифода додашуда дохил карда мешаванд.

Дар сатрҳои 01 -02 миқдори манзилҳо ва утоқҳо нишон дода мешавад.
Дар сатри 03-04 сатҳи умумии манзилҳо ва сатҳи зисти манзилҲои истиқоматӣ

арзиши бинои истиқоматии нав сохташуда (хонаи дар шафат ва болосохташуда), ки дар шиносномаи техникӣ навишта мешавад, нишон дода мешавад.

Дар сатри 05-07 арзиши сохтмони реи ҳавлӣ, ки дар шиносномаи техникии сутуни "Арзиши барқароркунӣ" сабт шудааст, нишон дода мешавад.

Ба иморатҳои хоҷагии реи ҳавлӣ, ки барои истифодаи хоҷагии шахсии ёрирасон (обчакорӣ, боuдорӣ, чорвопарварӣ) муқаррар шудаанд, ҳам иморатҳои дар шафати бинои истиқоматӣ сохташуда ва ҳам сохтмони алоҳидаи барои парвариши чорво ва мурu, нигоҳдории хероки чорво, асбобу анҷоми хоҷагӣ, маҳсулоти кишоварзӣ истифодашаванда, инчунин ҳавлиҳои хоҷагӣ,ки дар зери боми умумии хона қарор доранд, мансубанд.

Агар дар шиносномаи техникӣ дар бораи арзиши биноҳои истиқоматӣ ва иморатҳои дар реи ҳавлӣ сохташуда маълумот набошад, онро аз инспексияи суuуртаи ноҳия дархост кардан лозим аст.

Агар иморати реи ҳавлӣ то баъди ба истифода додани манзили истиқоматӣ сохта шуда бошад, шакли №1 – СМШ барои чунин иморатҳо тартиб дода намешавад.

## Фасли II.

### Ободонии ҳамаи биноҳои истиқоматии ба истифода додашуда.

Дар ин фасл миқдори ҳамаи биноҳои истиқоматии ба истифода додашуда ва масоҳати умумии онҳо (аз ҷумла масоҳати хонаҳои иловагӣ ва болохонаҳо), ки аз реи намудҳои ободонӣ тақсим карда шудаанд, сабт карда мешаавнд.

Дар сатри 08 миқдори биноҳои истиқоматӣ ва масоҳате умумии онҳо, ки бо облела таҷҳизонида шудаанд, сабт карда мешавад.

Масоҳати умумӣ дар сурате ҳисоб мешавад,ки бо облела таҷҳизонида шуда, агар дар даруни хона шабакаи тақсимкунандаи облела мавҷуд бошаду ба он аз қубури мутамаркзӣ ё аз чоҳи артезионӣ об ояд. Агар дар дохили ҳавлӣ ҷумаки облела бошаду аммо дар хона об набошад, дар он сурат масоҳати чунин хонаҳо бо облела таҷҳизонидашуда ҳисобида намешаванд: uайр аз ин масоҳате таҷҳизонидашуда ҳисобида мешавад, ки агар дар ошхонаи алоҳида истода ҷумаки облела аз шабакаи тақсимкунандаи облела шинонда шуда бошад.

Дар сатри 09 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо канализатсия таҷҳизонида шудаанд,нишон дода мешавад. Масоҳати умумӣ ҳамон вақт ҳисобида мешавад, ки канализатсия таҷҳизонида шуда дар дохили хона барои ихроҷи обҳои ифлос ба шабакаи канализатсияи кеча ё ба чоҳи канализатсияи сохта пайвастшуда бошад. Дар ин сурат масоҳати канализатсияи таҷҳизонидашуда набояд аз масоҳати таҷҳизоти облела калон бошад.

Дар сатри 10 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо шабакаи гармирасонии марказӣ таҷҳизонида шудаанд, нишон дода мешаванд.

Масоҳати умумӣ дар ҳамон сурат бо шабакаи гармирасонии марказӣ таъмин ҳисобида мешавад, ки он шабакаи гармирасонӣ дошта ҳисобида

шавад: хоҳ аз дегхонаи ҳавлиҳо бошад, хоҳ аз дегхонаи гармирасонии гурехӣ (маҳаллӣ), хоҳ аз денхонаи муттаҳида ё ноҳиявӣ, аз ТЭЦ (маркази гармирасонии баркӣ), инчунин хоҳ аз АГВ (обгармкунаки хона) ва дегхонаҳои гармирасони ҳаҷман хурд, ки бо газ ва ангиштсанг гарм карда мешавад.

Дар сатри 10 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки аз маркази гармирасонӣ, ё аз дегхонаҳои гармирасонии дар боло зикршуда гарм карда мешаванд, сабт карда хоҳанд шуд.

Дар сатри 11 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо таҷҳизоти оби гармрасонӣ таҷҳизонида шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Масоҳати умумӣ ҳамон вақт аз таҷҳизоти обигармрасонӣ ҳисобида мешавад, ки ба тавасути облелаи махсус таъмин ба биноҳои истиқоматӣ барои эхҳиёҷоти маишӣ оби гарм аз шабакаи мутамарказӣ ё аз обгармкунаки хонаҳои маҳалла ё аз дегхонаҳои гармидиҳандаи ҳаҷмашон хурд расонда мешавад.

Дар сатри 11 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо нишон дода мешавад, ки бо ягон намуди таҷҳизоти зикршуда таъмин нашудаанд.

Ҳангоми гурехбандии хонаҳо аз реи намудҳои ободонии дар боло зикршуда бо равшании баркӣ, газ ва телефон муҷаҳҳаз будан ё набудани онҳо ба эътибор гирифта намешавад. Дар сатри 11 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо барқ таҷҳизонида шудааст, навишта мешавад.

Дар сатри 15 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо плитаи газ таъминанд, сабт карда мешавад. Масоҳати умумӣ дар ҳамон вақт таҷҳизоти газ таъмин ҳисобида мешавад, ки барои пухтани херок плитаи газ шинионида шуда аст ва он бо гази табиӣ ё бо гази интиқолӣ таъмин карда мешавад. Дар сатри 16 миқдори хонаҳо ва масоҳати умумии онҳо, ки бо телефон таҷҳизонида шудаанд, нишон дода мешавад. Хонаи истиқоматӣ ҳамон вақт ба телефон таъмин ҳисобида мешавад, ки ақаллан як ҳуҷра бо телефон таҷҳизонида шуда бошад. Дар ин маврид дар сутуни 2 масоҳати умумии хонаҳои аз нав ба истифода додашуда нишон дода мешаванд.

Агар дар шафат ё болои хонаи истиқоматии шахсии пеш сохташуда ягон бино сохта, бо ягон намуди таҷҳизоти дар боло зикр шуда таъмин шуда бошад, дар он сурат маълумоти чунин сохтмонҳои илова танҳо дар сутуни 2 нишон дода мешаванд.